«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи Миллии
Тоҷикистон, д.и.и, профессор
__________ Хушвахтзода Қ.Х.
«23» _____09_____ соли 2022

ХУЛОСАИ

ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ ба диссертатсияи аспиранти кафедраи педагогика Қурбонова Фарангис Абдураҳмоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Қурбонова Фарангис Абдураҳмоновна аз соли 2018 то соли 2020 аспиранти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома оид ба супоридани таърихи илм ва фалсафа ва забони хориҷиро соли 2018 дода шудааст.

Диссертатсияи Қурбонова Фарангис Абдураҳмоновна дар кафедраи умумидонишгохии педагогикаи ДМТ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф.

Мавзуи диссертатсияи Қурбонова Ф. А. мубрам ва дархӯри талаботи замони муосир буда, барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таълими забони англисӣ бо усули таълими ҳамгиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар шароити имрӯза хеле муфид буда, барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан, забони англисӣ чун яке аз забонҳои хеле сернуфузу маъруфиятёфтаи олам муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар диссертатсия бамаврид таъкид шудааст, ки ҳадафи тадқиқот аз омӯзиш, таҳлил ва баррасии асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Муҳаққиқ бо дарназардошти ин вазифаҳои таҳқиқотро хеле дурусту нишонрас муайян намудааст:

-таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологии . шароитҳои педагогии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-муайян намудани хусусиятҳои хоси ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

-таҳлили ҳамгироии таълими забони англисӣ вобаста ба шароитҳои рушди ҷомеаи мутараққӣ;

-таҳлил ва баррасии мавқеи дарсҳои забони англисӣ дар ташаккули зеҳнии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ;

-арзёбии шароитҳо ва роҳу усулҳои самарабахши татбиқи ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- интихобу таҳлили маводи таълимӣ ва ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон бо назардошти ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Ҳадафи асосии таҳқиқот муайян кардани шартҳои асосӣ ва воситаҳои педагогии ташаккули муносибати хонандагони синфҳои болоӣ ба оила ҳамчун арзиши муҳимми иҷтимоӣ дар фаъолияти тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он муаллиф асосҳои назариявӣ ва амалии ҳамгироии таълими забони англисиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Бинобар ин, натиҷаҳои дар асоси тадқиқот бадастомада имкон дорад, ки дар раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд. Ҳамчунин, натиҷагирӣ аз озмоишҳое, ки аз ҷониби

диссертант гузаронида шуданд, барои роҳандозӣ намудани таълими ҳамгирои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат намуда, ба раванди забономӯзии хонандагон таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

**Навгонии илмии тадқиқот** аз он иборат мебошад, ки ҳарчанд аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ дар самти равандҳои ҳамгироӣ, хусусан, доир ба таълими ҳамгиро таҳқиқотҳои муҳимму фарогир баргузор шудаанд, вале масъалаи асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида тадқиқ нагардидааст ва таҳлилу омӯзиши масъалаи мазкур дар самти педагогикаи ватанӣ ҳамчун тадқиқоти нав арзёбӣ мешавад. Навгонии тадқиқот, қабл аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар такя ва бо истифода аз назарияҳои гуногуни илмӣ-педагогӣ доир ба масъалаи мазкур ва, ҳамчунин, пажӯҳише, ки аз ҷониби худи муаллиф дар муассисаҳои таълимӣ анҷом дода шуд, асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ асоснок ва собит карда шудаанд.

**Ба таври мушаххас нававарии кори тадқиқотӣ аз инҳо иборат аст**:

- асосҳои илмӣ-педагогии таълими ҳамгиро зимни омӯзиши забони англисӣ ва нақши он дар ташаккули шуурнокӣ ва ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои болӣ нишон дода шуд;

-усулҳои самараноки таълим, вазифаҳо ва машқҳои ба инкишоф ва такмили нутқи коммуниктивии хонандагон равонашуда дар асоси таълими ҳамгиро муайян карда шуданд;

-таъмини равобити байнифаннӣ зимни таълими ҳамгирои забони хориҷӣ (англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чун омили муҳимми болоравии сифати таълим ва сатҳи азхудкунии хонандагон арзёбӣ карда шуд;

-методикаи илман асосноки таълими интегратсионии забони хориҷӣ (англисӣ) барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод гардид;

-шаклҳо, усулҳо ва технологияи таълими забони хориҷӣ (англисӣ) дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, такмили сифатии маводи таълимии ба ташаккули дониши забонӣ ва малакаи коммуникативӣ равонашуда пешниҳод гардиданд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро ифода карда, натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ эътимоднок мебошанд.

Мақолаҳои муаллиф дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, ҳамчунин муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:

1. Қурбонова Ф.А. Ҷанбаи лингвистӣ-кишваршиносии ҳамгироии фъолияти маърифатдӯстии хонандагони синни калони мактабӣ дар дарсҳои забони англисӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2074-1847. 2019, №3. -С. 234-240.

2. Қурбонова Ф.А. Технологияи ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. ISSN 2617-5620. 2020, №1 (29). –С. 104-108.

3. Қурбонова Ф.А. Хусусияти таълими ҳамгироии забони хориҷӣ дар амалияи таълимоти ватанӣ ва хориҷӣ. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. ISSN 2222 – 9809. 2021, №1 (38). –С. 80-85.

4. Курбонова Ф.А. Гулмадов Ф.Г. Мавқеи дарсҳои забони англисӣ дар ташаккули малакаи зеҳнии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. 2022 №2 (43). –С. 11-16.

5. Қурбонова Ф.А. Масъалаҳои назариявии таълими ҳамгиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ./Маорифи Тоҷикистон, №4, апрели соли 2021. –С.12-15

6. Қурбонова Ф.А. Таълими ҳамгирои забони англисӣ ҳамчун омили болоравии сифати таълим/Илму маориф – бунёди маърифати зеҳнӣ /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш.Душанбе, 18 апрели соли 2019. –Душанбе, 2019. –С. 174-182.

7. Қурбонова Ф.А. Нақши барномаҳо ва китобҳои дарсӣ дар таҳкими сифати таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ)./Навгониҳо дар

таҳсилоти олии касбии муосир. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш.Кӯлоб, 19 марти соли 2021. –Кулоб, 2021. -С.197-202.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баррасӣ ва пешниҳоду тавсияҳои иштирокчиёни ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ

**қарор кард:**

1. Диссертатсияи илмии Қурбонова Фарангис Абдураҳмоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Номи диссертатсия дар таҳрири нав – «Асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ карда шавад.

3. Диссертатсияи илмии Қурбонова Фарангис Абдураҳмоновна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ҳамгироии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи мазкур баъд аз ислоҳи камбудиву эродҳои баёншуда ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "муқобил" - нест, "бетараф" - нест. Қарор бо як овоз қабул шуд, суратҷаласаи №2 аз 21 сентябри соли 2022.

**Раиси ҷаласа, профессор** **Мирализода А.М.**

**Котиби ҷаласа** **Тошзода С.Ҳ.**

23.09.2022


**Маълумот барои тамос:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Тел: 918822340.

E-mail:toshzoda@inbox.ru


Имзоҳои А.М. Мирализода ва С.Ҳ. Тошзода - ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

23.09.2022